# Абдураҳмони Ҷомӣ




Душанбе
«Адиб»
2005

***Ин китоб бо дастгирии***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов***
***ба табъ расидааст.***

Муҳаррир ***Юсуфҷон Аҳмадзода***
Мусаввир ***Акрам Хусамов***

**А $\frac{4803540102-8}{М\ 503}$ - 2005**

**© Нашриёти "Адиб", 2005**



# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

***Ҷомӣ***

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз бузургтарин шоирон, олимон, файласуфон ва мусиқишиносони тоҷик буда, 7 ноябри соли 1414 дар деҳаи Харҷарди тобеи шаҳри Ҷом таваллуд шудааст. Падараш марди порсо ва донишманду баобрӯ буд. Вай хонаводаашро дар 8-9 солагии Ҷомӣ ба Ҳирот меорад. Ҷомӣ дар он ҷо ба мадрасаи «Низомия» дохил шуда, забони арабӣ, мантиқу баён ва дигар илмҳои замонаашро ба хубӣ аз бар мекунад. Дар синни 22-23 солагияш ба Самарқанд меояд. Дар мадрасаи Улуғбек аз донишмандони маъруф Қозизодаи Румӣ, Улуғбек,

Фазлуллоҳи Абӯлайсӣ ва дигарон ҳандасаву (геометрия) табииёт, нуҷуму фиқҳ (ситорашиносиву қонунҳои шариати ислом)-ро омӯхта ба Ҳирот бозмегардад. Ҷомӣ баъди баргаштанаш ба Ҳирот боз се маротиба ба шаҳрҳои Марв, Самарқанд, Тошканд ва ғайра сафар карда, дигар то охири умр дар Ҳирот мемонад.

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун шоири некбин ва некандеш дар он замонаи тираву тори асри миёна ҳамеша илму донишро тарғиб мекард, ҳамеша пуштибони мардуми оддӣ ва заҳматкаши бечора буд. Дунёдорону соҳибҷоҳони пуртакаббуру сарватманд ва шайхони фиребгарро бад медид. Сурату сирати манфури онҳоро дар асарҳояш фош месохт. Аз назари Ҷомӣ ҳар як насиҳатгӯй бояд нахуст худаш мувофиқи гуфтаҳояш амал кунад, бо корҳои худ ибрати дигарон бошад. Ин навъ мавзӯъҳо тахминан дар ҳудуди панҷоҳ асари баландмазмуну баландғояи ӯ батамом акс ёфтаанд. Машҳуртарин асарҳои Ҷомӣ «Ҳафт авранг» ва «Баҳористон» мебошанд. Ҷомӣ «Баҳористон»-ро муддати якчанд моҳ дар пайравии «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ нигоштааст, ки ҳанӯз ҳам мазмун ва маънии худро гум накардааст.

Инак, гулчине аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ба шумо, хонандагони азиз тақдим мегардад.

***Аз муҳаррир***



# БА МАКТУБИ БЕГОНА МАНИГАР

Фозиле ба яке аз дӯстони содиқ нома менавишт. Шахсе дар паҳлӯи ӯ нишаста буд. Ба гӯшаи чашм навиштаи ӯро мехонд. Бар вай душвор омад. Бинавишт, ки агар на дар паҳлӯи ман дузде – занбамузде нанишаста будӣ, ин навиштаи маро намехондӣ, ҳамаи асрори худ бинавиштаме. Он шахс гуфт:

— Валлоҳ, ки эй мавлоно, ман номаи туро мутолиа накардаву нахондаам.

Гуфт:

— Эй нодон, пас инро, ки мегӯӣ, аз куҷо мегӯӣ?!

**Қитъа**

Ҳар он кас, ки дуздида бар сирри мард
Шавад мутталеъ[1], боядаш хонд дузд.
Бар он кор агар музд хоҳад тамаъ,
Ҳамин бас, ки номаш ниҳӣ занбамузд.

# ГУНҶИШК ДАР ПАНОҲИ ЛАКЛАК

Гунҷишке хонаи маврусӣ (меросӣ) бозпардохт (вогузошт) ва дар сӯрохи ошёни лаклак хона сохт. Гуфтанд:

— Туро чи муносибат бо ҷуссае чунин ҳақир бо ҷонваре бад-ин бузургӣ ҳамсоя бошӣ ва худро бо вай дар маҳалли иқомат ва манзили истиқомат ҳампоя дорӣ?

Гуфт:

— Ман низ ин қадар бидонам, аммо ба донистани худ амал кардан натавонам. Дар ҳамсоягии ман морест, ки чун ҳар сол бачагон бароварам ва ба хуни ҷигар бипарварам, ногоҳ бар хонаи ман тозад ва бачагони маро қут созад (бихӯрад). Имсол аз вай гурехтаам ва дар домани давлати ин бузург овехтаам. Умед дорам, ки доди ман аз ӯ биситонад; чунонки ҳар сол бачагони маро ӯ қути худ гардонидааст, имсол ӯро ва бачагони вайро қути худ гардонад.

**Қитъа**

Чу рубоҳ дар бешаи шер бошад,
Зияд эмин аз захму аз чанги гургон.
Зи бедоди гургон амон ёбад он кас,
Ки гирад ватан дар диёри бузургон.

---

1. **Мутталеъ** — огоҳ, бохабар.



# ТАБИБИ ШАРМАНДА

Табиберо диданд, ки ҳар гоҳ ба гӯристон расидӣ, ридо (ҷома) бар сар кашидӣ. Сабаби онро суол карданд.

Гуфт:

— Аз мурдагони ин гӯристон шарм ҳамедорам, зеро бар ҳар кӣ мегузарам, зарбати ман хӯрдааст ва дар ҳар кӣ менигарам, аз шарбати (доруи) ман мурдааст.

**Рубоӣ**

Эй рой[1], ту дар илоҷи бемор алил,[2]
Бар омадани марг қудуми ту далил.
Дар кишвари мот[3] миннати ҷон ситадан[4]
Бардоштаӣ зи гардани Азроил!

# АЪРОБӢ ВА ШУТУР

Аъробӣ шутур гум карда буд. Савганд хӯрд, ки чун биёбад, ба як дирам бифурӯшад. Чун шутурро биёфт, аз савганд пушаймон шуд. Гурбаеро дар гардани шутур овехт ва бонг мезад, ки:

— Кист бихарад шутуре ба як дирам ва гурба ба сад дирам, аммо бе якдигар намефурӯшам.

Шахсе ба он ҷо бирасид, гуфт:

— Чи арзон будӣ ин шутур агар қилода[5] дар гардан надоштӣ.

---

1. **Рой** — фикру андеша.
2. **Алил** — иллатнок, хавфнок.
3. **Мот** — марг.
4. **Ситадан** — ситондан, рабудан.
5. **Қилода** — ҳалқае, ки бар гардани ҳайвонот банданд.



**Қитъа**

Лаим агар ба шутур бахшадат ато, маситон!
Ки ин зи одати аҳли карам бурун бошад.
Қилодае, ки зи миннат ба гарданаш бандад,
Ҳазор бор зи бори шутур фузун бошад.

# ОРЗӮИ КӮЗПУШТ

Кӯзпуштеро гуфтад:

— Мехоҳӣ худо пушти туро чун дигарон рост кунад, ё он ки пушти дигаронро чун ту кӯз созад?

Гуфт:

— Он ки ҳамаро чун ман кӯз гардонад, то ба он чашме, ки эшон дар ман нигаристаанд, ман низ ба ҳамон чашм дар эшон бинигарам.

**Қитъа**

Хуш он, ки хасм ба айбе, ки таънаи ту занад,
Ба рағми вай зи чунон айб раста, биншинӣ.
В-аз ин нишастани беайб хуштар он бошад,
Ки мубталошуда ӯро ба айби худ бинӣ.

# ХАЛИФАИ ГУРУСНАЧАШМ

Халифа рӯзе чошт мехӯрд. Барраи бирён пеши вай ниҳода буданд. Аъробие аз бодия даррасид, вайро пеш хонд. Аъробӣ бинишаст ва ба башараи тамом дар хӯрдан истод. Халифа гуфт:

— Чӣ бераҳмӣ! Ин барраро чунон аз ҳам медарӣ ва ба рағбат мехӯрӣ, ки гӯё падари ӯ туро ба сар задааст!

Аъробӣ гуфт:



— Ин хӯрданист, аммо ту ба чашми шафқат чунон дар ӯ менигарӣ ва аз хурдани ӯ бад мебарӣ, ки гӯё модари ӯ туро шир додааст.

**Қитъа**

Хоҷа бар моли худ он гуна раҳим асту шафиқ,
Ки ба чашми шафақат менигарад дар ҳама чиз.
Гар фитад дар бараву меши вай андак хатаре,
Ба фидошон бидиҳад модару фарзанди азиз.

# ШОИР ВА ТАБИБ

Шоире пеши табиб рафт ва гуфт:

— Чизе дар дили ман гиреҳ шудааст ва вақти маро нохуш медорад ва аз он ҷо ҳама афсурдагӣ ба ҳама аъзои ман мерасад ва мӯй бар андоми ман бармехезад.

Табиб марди зариф буд, гуфт:

— Ҳеҷ шеъре ба тозагӣ гуфтаӣ, ки ҳанӯз бар касе нахонда бошӣ?

Гуфт:

— Оре.

Гуфт:

— Бихон!

Хонд.

Боз гуфт:

— Бори дигар бихон!

Бихонд то се навбат.

Гуфт:

— Бархез, ки наҷот ёфтӣ. Ин шеър буд, ки дар дили ту гиреҳ шуда буд ва хунукии он ба берун сироят мекард, чун аз дили худ берун кардӣ, халосӣ ёфтӣ.



**Қитъа**

Чи шеър аст ин, ки чун номаш зи доно
Бипурсӣ, бар забонаш «ҳарза» ояд.
В-агар бар шарбати бемор хонӣ
Таби мӯҳриқ[1] равад, табларза ояд.

# МАСТӢ – ПАСТӢ

Масте аз хона берун омаду дар миёни роҳ бияфтод ва қай карду лабу даҳони худ биёлуд. Саге биёмад, онро лесидан гирифт. Пиндошт, ки одамест, онро пок мекунад. Дуо мекард, ки худои таоло фарзандони туро хидматгори ту гардонад. Баъд аз он саг пой бардошт ва дар рӯйи вай бавл[2] кард. Гуфт:

— Боракаллоҳ, эй сайййидӣ![3] Оби гарм овардӣ, то рӯйи маро бишӯйӣ?

**Қитъа**

Шаробхора чу бар хештан раво дорад,
Ки сиблат аз қайи нопоки май биёлояд.
Саг аз масона[4] гар ибриқи[5] оби гарм орад,
Ки ғусли[6] сиблати нопоки ӯ кунад, шояд.

# ЧАРОҒ НА БАРОИ НОБИНОСТ

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе[7] бар дӯш дар роҳе мерафт. Фазуле[8] ба ӯ расиду гуфт:

1. **Таби мӯҳриқ** — таби сӯзон.
2. **Бавл кардан** — шошидан.
3. **Сайййидӣ** — сайййидам, хоҷаам.
4. **Масона** — шошадон.
5. **Ибриқ** — офтоба.
6. **Ғусл** — шустушӯ.
7. **Сабӯ** — кӯза.
8. **Фазул** — лаққӣ, пургӯй.



— Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанӣ ва торикӣ дар чашми ту баробар. Пас, чароғро фоида чист?

Нобино бихандид ва гуфт:

— Ин чароғ аз баҳри худ нест, аз барои чун ту кӯрдилони бехабар аст, то ба ман паҳлу назананд ва сабӯи маро нашикананд!

**Қитъа**

Ҳоли нодонро беҳ аз нодон намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.
Таъни нобино мазан, эй дам зи бинои зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.

# ҲИММАТБАЛАНД

Мӯреро диданд ба зӯрмандӣ камар баста ва малахеро даҳ баробари худ бардошта. Ба тааҷҷуб гуфтанд:

— Ин мӯрро бибинед, ки бо ин нотавонӣ бореро ба ин гаронӣ чун мекашад!

Мӯр чун ин сухан бишунид, бихандид ва гуфт:

— Мардон борро ба нерӯи ҳиммат ва бозуи ҳамият кашанд, на ба қуввати тан ва захомати бадан.

**Қитъа**

Боре, ки осмону замин сар кашад аз он,
Мушкил тавон ба ёварии ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қавӣ кун аз мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.



# КАЖДУМ ВА САНГПУШТ

Каждуме заҳри мазаррат[1] дар неш аз тири хабосат дар кеш[2] азимати сафар кард. Ногоҳ бар лаби обе паҳновар расид, хушк фурӯ монд, на поқи гузаштан ва на ёрои бозгаштан. Сангпуште ин маъниро аз вай мушоҳида кард. Бар вай тараҳҳум намуд ва бар пушти худаш савор кард ва худро дар об андохт ва шинокунон рӯ ба ҷониби дигар ниҳод ва дар он асно овозе ба гӯш расид, ки каждум чизе бар пушти вай мезанад. Пурсид, ки

— Ин чӣ овоз аст?

Ҷавоб дод, ки

— Ин овози неши ман аст, ки бар пушти ту мезанам. Ҳарчанд медонам, ки бар он коргар намеояд,[3] аммо одати худро наметавонам гузошт. Чунончи гуфтаанд:

Неши каждум на аз паи кин аст,
Муқтазои табиаташ ин аст.

Сангпушт бо худ гуфт, ки ҳеҷ беҳ аз ин нест, ки ин бадсириштро аз ин хӯйи бад бираҳонам ва некӯсиратонро аз осеби вай халосӣ диҳам. Ин гуфту ба об фурӯ рафт ва вайро мавҷ бирабуд ва ба ҷое бурд, ки гӯё ҳаргиз набуд.

**Қитъа**

Ҳар авоне[4], ки дар ин базмгаҳи шарру фасод,[5]
Тори сад ҳила ба ҳар лаҳза аз он соз диҳанд.

---

1. **Мазаррат** — зарар ва зиён.
2. **Киноя аз неши каждум:** кеш — тирдон.
3. **Коргар намеояд** — таъсир намекунад.
4. **Авон** — золим, ситамгар.
5. Киноя аз дунёи моддӣ.



Беҳ аз он нест, ки дар мавҷи фано ғӯта хӯрад,
То вай аз хулқи баду халқ аз ӯ боз раҳанд.

# ҶАЗОИ ГУРГИ ПУРХӮР

Рӯбоҳе бо гурге дами мусодақат[1] мезад ва қадами мувофақат[2] мениҳод. Бо якдигар ба боғе бигузаштанд. Дар устувор буд ва девор пурхор. Гирди он гардиданд, то ба сӯрохе расиданд, ки бар рӯбоҳ фарох ва бар гург танг. Рӯбоҳ осон даромад ва гург ба заҳмати фаровон.

Ангурҳо диданд ва меваҳои рангоранг ёфтанд. Рӯбоҳ зирак буд, ҳоли берун рафтанро мулоҳиза кард ва гурги ғофил, чандон, ки тавонист, бихӯрд.

Ногоҳ боғбон огоҳ шуд, чӯбе бардошт ва рӯй бар эшон ниҳод. Рӯбоҳи борикмиён зуд аз сӯрох бадар рафт ва гурги бузургшикам дар он ҷо муҳкам. Боғбон бар вай расид, чӯбдасте гирифт, чандонаш бизад, ки гург на мурда на зинда, пӯстдарида ва пашмкандида аз он тангной берун рафт.

**Қитъа**

Зӯрмандӣ макун, эй хоҷа, ба зар,
К-охири кор забун хоҳӣ рафт.
Фарбеҳат кард басе неъмату ноз
З-он бияндеш, ки чун хоҳӣ рафт!
Бо чунин ҷусса надонам, ки чи сон
Ба дари марг дарун хоҳӣ рафт!

---

1. **Мусодақат** — садоқат, вафодорӣ.
2. Якдилу якҷон шуда қадам мондан…